**Суратмаҷлиси №56**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-021 дар назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 07 декабри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, №122/шд тасдиқгардида, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ Саидзода Ҳ., аъзои комиссияи экспертӣ Ҷаматов С. ва Нағзибекова М. баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Алимов Фирдавс Худойдодович дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ-маъноӣ ва этимологии истилоҳоти тарҷумашиносӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ

(6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Баротзода Файзиддин Камолиддин** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

- **Насруддинов Сироҷиддин Моҳадшарифович** – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода** таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Таърихи рӯзи ҳимоя 22.02.2024, соати 13:00 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Хоҷаев Д.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мирзоева М.